**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-129 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ).**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих Шарифзода Ҷ.С. (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих Тиллоев С.С. ва доктори илмҳои таърих Аюбов А.Р., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-129-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 22.05.2026 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» – барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ) – ро баррасӣ намуда, аз натиҷааш чунин хулоса баровард:

**1. Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки то ба имрӯз дар илми таърихнигорӣ ва бостоншиносии тоҷик, ба истисноӣ мақола ва қайдҳои алоҳидаи олимон дар асари худ, аз ҷумла Ю.Я. Якубов, Е.П. Денисов, Т.Г. Филимонова, Д. Довудӣ ва дигарон, таҳқиқоти пурра оид ба ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара анҷом дода нашудааст. Дар доираи таҳқиқоти бостоншиносии ноҳияи Данғара, як зумра масъалаҳои муҳимми таърихӣ, махсусан ибтидои асрҳои миёна, замони давлатдории Сомониён, ҳамлаи муғул ва юриши Темуриён то ҳол таҳлили ҳамаҷониба наёфтаанд ва ниёз ба бознигарии

бештари илмӣ доранд. Дар таҳқиқоти мазкур, илова бар таҳлили мероси илмии муҳаққиқони пешин, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси маълумоти муаллифони болозикр чандин паҳлуҳои норӯвшани таъриху фарҳанги маҳаллӣ мушаххас гардида, ҷойи холии баъзе бахшҳои илми бостоншиносӣ комил шудааст. Омӯзиши осори бостоншиносони замони шуравӣ ва таҳқиқоти муосир дар ноҳияи Данғара метавонад барои мутахассисони оянда заминаи муҳимми илмӣ ва амалӣ фароҳам оварда, онҳоро ба таҳқиқи мавзуҳои аз диққат дурмондаи бостоншиносии маҳаллӣ ҷалб намояд. Дар шароити имрӯза, як қисми назарраси ёдгориҳои бостонии кишвар, аз ҷумла ёдгориҳои Данғара, ба сабаби набудани муҳофизати кофӣ ва таъсири омилҳои табиӣ ва инсонӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд. Таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун омили таҳрикдиҳанда барои баланд бардоштани маърифати ҳифзи мероси миллӣ дар байни ҷомеа, бахусус насли наврас ва ҷавонон, хизмат намояд.

**2. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш, таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи илмии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар асрҳои III-XVIII мебошад. Барои расидан ба ин мақсад, диссертант масъалаҳои марбут ба муайян намудани хусусиятҳои таърихӣ-фарҳангии ёдгориҳо, омӯзиши сохтор, даврабандӣ, паҳншавӣ ва нақши онҳо дар рушди фарҳанги моддии минтақаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар доираи таҳқиқот маводди моддии бостоншиносӣ, ки дар натиҷаи корҳои саҳроӣ, кофтуковҳо ва омӯзишҳои бостоншиносӣ ба даст омадаанд, ба таври муфассал таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии минтақа дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ баррасӣ шуда, ҷойгоҳ ва аҳаммияти ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар низоми умумии таъриху фарҳанги Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**3. Навгониҳои илмии таҳқиқоти** мазкур дар он ифода меёбад, ки бори аввал таҳқиқоти ҳамаҷониба вобаста ба ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар шакли рисолаи илмӣ пешниҳод мегардад. Омӯзиш ва таҳлили масоили марбут ба ёдгориҳои таърихию бостоншиносии асримиёнагии ноҳияи Данғара ба омӯзиши ёдгориҳое бахшида шудааст, ки ба асрҳои III–XVIII мелодӣ тааллуқ доранд. То ҳол дар ин самт таҳқиқоти фарогир ба таври комил анҷом дода нашудааст.

Таҳқиқоти мазкур дар асоси маводди бостоншиносӣ ва бо ҷалби усулҳои муосири таҳқиқоти таърихӣ анҷом ёфта, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгориҳои фарҳанги моддӣ, таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии онҳо, инчунин муайян намудани нақш ва мақоми онҳо дар равандҳои таърихию фарҳангии минтақа бахшида шудааст.

**4. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар пешбурди корҳои илмии муаррихон, бостоншиносон ва мутахассисони соҳа нақши муассир гузорад. Натиҷаи таҳлилу баррасии масоили марбут ба мавзуи диссертатсия барои дарки амиқӣ таърихи давраҳои қадимтарин, қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик, бахусус, дар доираи омӯзиши мероси моддии ноҳияи Данғара, заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам месозад. Дар диссертатсия ҷанбаҳои муҳимми бостоншиносии минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, маълумоти нав дар асоси таҳлили манбаъҳои мавҷуда пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба худ аҳаммияти назариявиро касб менамоянд. Ин метавонад дар амал татбиқ шудани корҳои саҳроии бостоншиносӣ, таҳияи харитаҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, ва барои таълими курсҳои академӣ, аз ҷумла «Асосҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон», «Бостоншиносии давраи асримиёнагӣ», «Таърихнигории бостоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун барои навиштани

мақолаҳо ва монографияҳои илмӣ дар мавзуҳои марбут ба бостоншиносӣ ва таърихи Тоҷикистон ҷойгоҳи густурда дошта бошад.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**6.** Диссертатсия ба талаботи банди 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардуминосии ба номи А. Дониши АМИТ иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи бостоншиносии Институти мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-129 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардуминосии ба номи А. Дониши АМИТ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи бостоншиносӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D020801 - бостоншиносӣ мувофиқат менамояд.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро

ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дарачаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё сарчашма тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни диссертатсия 88,44 % –ро аз ҳаҷми умумии кор дар бар мегирад.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020801 - бостоншиносӣ баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267)

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020801 - бостоншиносӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020801 - бостоншиносӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич** доктори илмҳои таърих професори кафедраи археология ва диншиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров»

**Каримдодзода Миралӣ Замон** номзади илмҳои таърих, муовини сардори раёсати фондӣ ва бақайдгирӣ ва мудири шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии Осорхонаи миллии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**

доктори илмҳои таърих Шарифзода Ҷ.С.

**Аъзои комиссияи ташхис:**

доктори илмҳои таърих Тиллоев С.С.

доктори илмҳои таърих Аюбов А.Р.